# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин дар мавзуи “Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08. – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин соли 1999 Донишгоҳи миллии Точикистонро аз рӯйи ихтисоси «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, назорат ва таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ» хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ аз соли 1999 то соли 2023 фаъолияти меҳнатии худро дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии соҳибкорӣ ва сайёҳии Тоҷикистон) дар вазифаҳои ассистенти кафедра, муаллими калон, муовини декан оид ба таълим, декани факултет, сардори шуъбаи назорати сифати таҳсилот, муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим кору фаъолият намудааст.

Аз соли 2017 унвонҷӯи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад. Дар ин давра дар якчанд конфренсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар маҳфилҳои илмии донишгоҳ фаъолона ширкат варзидааст.

Аз соли 2017 сар карда, Абдулмуминзода Н.А. ба таҳқиқоти масъалаҳои рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ машғул мебошад.

Дар раванди иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ Абдулмуминзода Н.А. 1 монография ва 17 мақолаи илмӣ дорад, ки аз он 10 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд. Имтиҳонҳои номзадиро бо муваффаққият супоридааст.

Муаллиф мавзуи диссертатсияи номзадиро мустақилона интихоб намуда, аз ҷиҳати илмӣ муҳиммияти онро асоснок намудааст. Барои расидан ба мақсади таҳқиқот ва матраҳсозии вазифаҳои гузошташудаи ба он алоқаманд корҳои илмӣ-назариявии муҳақиқон-иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ, маълумоти баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои кишоварзиро васеъ истифода бурдааст.

Диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳодшуда аз се боб иборат аст, ки дар боби якум “Асосҳои консептуалии ташкили баҳисобгирии

идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ" масъалаҳои ташаккули консепсияи умумии баҳисобгирии идоракунӣ, баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми иттилоотии корхонаҳои кишоварзӣ, гуруҳбандии хароҷот ҳамчун асоси банақшагирӣ, идоракунии истеҳсолот ва арзишмуайянкунӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар боби дуюми диссертатсия "Ҳолати муосири ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ" масъалаҳои таҳлили ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот оид ба подоши меҳнат, ташкили баҳисобгирии идоракунии захираҳои молиявӣ истеҳсолӣ, методикаи баҳисобгирии идоракунии хароҷот оид ба истифодабарии воситаҳои асосӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода шудаанд.

Боби 3-юми диссертатсия "Рушди методикаи баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисобкунии арзиши аслӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ" номгӯзорӣ шудааст, ки дар он масъалаҳо вобаста ба таъминоти иттилоотии баҳисобгирии идоракунии хароҷот ҳамчун заминаи ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ, такмили методикаи баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯйи марказҳои масъулият ва буҷетикунонӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ таҳқиқ гардида, хулосаву тавсияҳо барои мукаммал гаштани низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ пешниҳод гардидааст.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имконият фароҳам овард, ки хулосаҳояшро асоснок кунад ва пешниҳодҳои худро вобаста ба такмилдиҳии баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисобкунии арзиши аслӣ дар корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ баён намояд.

Диссертатсия таҳқиқоти мустақилона баитмомрасида ва дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ анҷомдодашуда оид ба ҳалли масъалаҳои методию амалии баҳисобгирии идоракунӣ ва мукаммалгардонии ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ ба шумор меравад.

Дар раванди иҷроиши кор аз тарафи муаллиф маводи амалӣ таҳлил ва ҷамъбаст карда шуда, усулҳои умумиилмӣ ва махсуси таҳқиқот аз қабили таҳлил, синтез, моделсозӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, иқтисодӣ-оморӣ, усулҳои мушоҳида, муқоисакунӣ, асосноккунӣ, монографӣ, хулосабарории маводҳои назариявию амалӣ ва ғ. истифода бурда шудаанд.

Ҳамин тавр, гуфтаҳои дар боло қайд кардашударо ба назар гирифта ҳисоб менамоем, ки Абдулмуминзода Н.А. вазифаҳои дар диссертатсия муайяншударо бомуваффақият иҷро намудааст.

Диссертатсия мантиқан ба анҷом расонида шуда, кори илмии мустақилона иҷрошуда ҳисоб ёфта, дорои унсурҳои навоварии илмӣ, ҷамбасти илман-асоснокардашуда ва тавсияҳои амалии пешниҳодшуда оид ба рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ буда, ба рушди баҳисобгирӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Сохтор, муҳтаво ва сифати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Хушвахтзода Қ.Х.**

Имзои Хушвахтзода Қ.Х.-ро тасдиқ мекунам:
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
"17" 03 2023

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУСИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ